# ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМРО МАҲКУМ МЕКУНЕМ

Воқеан, хушунати экстремизм ва терроризм сол то сол боз ҳам васеътар гардида, дар аксар мавридҳо инкишофи ин зуҳурот аз ҷониби гуруҳҳои ифротгаро бо истифода аз эътиқоди динии аҳолӣ ва номукаммал будани дониши динии ҷавонон ба амал бароварда мешавад.

Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатар ба миён овардааст. Мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ ва эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд.

Дар замони муосир масъалаи терроризму экстремизм аз масъалаҳои муҳимтарини ҳалталаб дар назди аҳолии сайёра ба ҳисоб рафта, паҳншавии он боиси вайрону валангор гаштану ба харобазор табдил ёфтани шаҳру деҳаҳоти ободу шукуфон гардидааст. Шумораи зиёди инсонҳо хонавайрон гаштаву рахти сафар ба мулки ғарибӣ бастаанд. Ҳазорон ҳазор тифлакони бегуноҳ ятиму бепарастор монда, ҳазорони дигар дар зери тири террористону тундгароён қурбон гардидаанд.

Ҷаҳони имрӯза ба кишваре кафолат надодааст, ки аз таъсир амалҳои террористӣ эмин бошад. Терроризму экстремизм имрӯз ба бузургтарин таҳдиди ҷаҳонӣ табдил ёфта, марзу сарҳадҳоро убур кардааст. Ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 ба тамоми кишварҳои ҷаҳон нишон дод, ки новобаста аз қудрати сиёсӣ ва иқтидори ҳарбиву

низомӣ ва иқтисодии кишварҳо терроризм метавонад дар он зуҳур намояд ва амалҳои террористӣ боиси нобудии меҳнати чандҳазорсолаи инсоният мегардад.

Хушбахтона имрӯзҳо тамоми мардуми бонангу номуси мо дар қатори ҳазорон омӯзгорон ба тарбияи насли наврас, тарбияи инсони комил ҳаракат намуда истода, талош меварзанд аз ҳодисаҳои нангину мақсадҳои гуруҳҳои экстремистӣ ва террористӣ пешгирӣ намуда бошанд.

Агар фаъолияти ин гуруҳҳои иғвогар назар андозем, ба осонӣ мефаҳмем, ки онҳо дар ниқоби ҳомиёни дин баромад намуда, ба сари халқи бечора бадбахтиҳо оварда истодаанд. Фаҳмидан хеле осон аст, ки ифротиён ба сафи гурӯҳҳояшон оилаҳои худ ва ҷавонони дигарро шомил намуда, ояндаи онҳоро месӯзонанд. Афкори ҷомеаро бо роҳи тарғиботу ташвиқот нисбат ба ҳукумати кишвар тира месозанд. Онҳо зомини марги ҳазорҳо одамони бегуноҳ гашта, ба ватану миллати хеш хиёнат менамоянд. Гӯё сириштy тинати онҳоро на аз муҳаббат, инсоф, балки дасисаву бухлу ҳасад сириштаанд.

Мусаасифона, дар ҷомеаи имрӯза аломатҳои зуҳуроти экстремизм ва тероризм паҳн шуда, бисёр аз ашхоси гумроҳро тӯъмаи худ гардонидааст. Ин падидаҳои номатлуб барои мардуми азияткашидаву сулҳдӯст ва ватанпарасти тоҷик шинос аст. Зеро тоҷикон “шарбат”-и ин падидаҳои номатлубро дар замони ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ бисёр чашидаанд. Дар ин радиф бархе аз ҷавонону наврасон бинобар сабаби каммасъулиятиву оворагардӣ ва надоштани маълумоти пурра аз таъсири оқибатҳои ноустувори

шабакаҳои иҷтимоӣ побанди раванди зуҳуроти гуногуни номатлуби ҷомеа мегарданд. Маҳз ҷавононе, ки аз таҳсил дур мондаанд ва касби муайян надоранд аз ҳама бештар бо роҳи осон ба доми афроди тундрави беватан ва ифротгаро гирифтор мешаванд.

Чи тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кишварҳои ҷаҳон рӯй оварда, таъкид намудаанд, ки “Террорист Ватан, миллат ва дин надорад” ва муқовимат бо ин зуҳуроти номатлуб дастаҷамъӣ ва ҳамбастагиро тақозо менамояд.

Мо огоҳ аз онем, ки шиори ҳамешагии Роҳбарияти Олии Ватани азизамон сулҳу оромӣ ва осоиштагӣ буда, ҳеҷ гоҳ ба фаъолияти гуруҳҳои номатлуб дар ҳудуди он роҳ дода намешавад.

Мардуми шарифи Тоҷикистон солҳои зиёд бо дарки хештаншиносӣ огоҳии сиёсӣ зиндагӣ кардаву аз паёмади чунин фитнаву дасисабозиҳо хуб огоҳ ҳастанд. Аҳолии мамлакати мо ҳамеша сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дастгирӣ намуда, намегузорем, ки дигарбора вазъияти ороми кишвар халалдор гардад ва фарзандони ба ноз парвардаамон тӯъмаи ин “оташ” гарданд. Бо меҳнату талош ва заҳмати фидокоронаи хеш алайҳи ин гурӯҳҳои ифротгаро мубориза бурда, амалҳои инсонбадбинонаи онҳоро маҳкум мекунем ва насли наврасро дар рӯҳияи ватандӯстиву инсондӯстӣ тарбия менамоем.

Манучеҳр Ҳусайнов, мудири кафедраи молия ва суғуртаи ДМТ